**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Имрӯз барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзгори навовар, дорои тафаккури эҷодию касбияти баланд зарур аст.

Ҳамзамон, барои тайёр намудани омӯзгорони соҳибкасб рушди самараноки ташаккулу қобилиятҳои созмондеҳӣ зарур мебошад. Арзишмандтарини онҳо бо дарки ҳадафҳо ва вазифаҳои барои ҷомеа зарури фаъолияти педагогӣ, мавҷудияти сифатҳои барои ин касб муҳим ва маҳорату малакаи зарурӣ маҳсуб диниста мешавад.

Дар ин замина таҳқиқи масъалаи такмили омодагии касбии омӯзгор, аҳамияти аввалиндарҷа пайдо мекунад, зеро ба донишу маҳорат, фарҳанг, фаъолияти созмондеҳандаи педагогии ӯ, сатҳи соҳибмаълумотӣ ва камолоти насли наврас пайвастагӣ дорад. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир ба омӯзгор – созмондеҳанда, омӯзгор – муҳаққиқе, ки эҷодкорона фикр меронад ва технологияҳои муосири таълиму тарбияро аз худ намудааст, ниёз дорад.

Таҳлили таҳқиқоти мавҷуда ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки масъалаи мазкур ҳанӯз дар илми педагогикаи муосири тоҷик мавриди тадқиқ ва баррасии алоҳида қарор нагирифтааст.

Аз ин лиҳоз аз ҷониби унвонҷу Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудани мавзӯи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» иқдоми саривақтӣ мебошад.

Унвонҷу дар муқаддимаи диссертатсия аз нуқтаи назари илмӣ дастгоҳи илмии диссертатсияро банду баст намудааст. Нуктаҳои назариявию методологӣ дар диссертатсия босаводона матраҳ гардида, ба талаботи имрӯзаи ташкулу гузаронидани озмоиши педагогӣ мувофиқат мекунанд.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷу Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич бо чунин хусусиятҳо муайян карда шудааст:

– бо асосҳои методологии омӯзиши фаъолияти созмондеҳӣ муайян карда шуда, худдастурдиҳӣ, худмақсадгузорӣ ҳамчун ҷузъҳои фаъолияти умумии созмондеҳӣ;

– бо аниқ кардани мундариҷаи фаъолияти умумии созмондеҳӣ бо дарназардошти донишҳои муосири илмӣ;

– бо ошкор сохтани аҳамияти иҷтимоӣ ва шахсии қобилияти созмондеҳӣ бо навъи фаъолияти касбии хатмкунандагони донишгоҳ дар доираи ихтисоси гирифтаашон;

– бо муайян ва асоснок кардани шароити педагогии рушди қобилияти созмондеҳии донишҷӯён, методикаи татбиқи онҳо дар раванди таҷрибаомӯзии педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

– бо коркард ва муайян кардани шаклҳо ва методҳои мушаххаси худтарбиякунии қобилияти созмондеҳии донишҷӯён;

– бо коркард шудани курси махсус ва барномаи «Асосҳои педагогии омодагии донишҷӯён ба фаъолияти созмондеҳӣ» дар амалияи фаъолияти омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Ҳамзамон, мубрамияти мавзӯи интихобнамударо асоснок намуда, унвонҷу зикр менамояд, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҳанӯз дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар бораи фаъолият ва қобилиятҳои созмондеҳӣ, хусусияти ташкили фаъолияти созмондеҳӣ дар раванди машғулиятҳои назариявию амалӣ ва дар давраи

таҷрибаомӯзӣ дониш, маҳорат, малака ва салоҳиятнокии заруриро азхуд мекунад. Ин ҷанбаи маърифатии омӯзиши асосҳои назариявию амалии фаъолияти ташкилӣ барои тарҳрезии рушди қобилият ва салоҳиятнокии созмондеҳии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим аст.

**Дараҷаи асоснокқунии нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳо**

Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал татқиқотҳои анҷомдодаи олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ омухта, таҳлил карда шуда, дар ҳамин асос нуқтаҳои назари худи унвонҷу пешниҳод карда шудаст.

Бино ба хулосаи муаллиф дар шароити имрӯзаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, масоили худташкилкунии шахсият аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Ҳалли ин масъала ба омилҳои зиёд, пеш аз ҳама, ба сатҳи ташаккулёбии қобилияти созмондеҳии шахсият ҳамчун фаъолияти ӯ оид ба худсозмондеҳӣ вобастагӣ дорад. Маҳз зимни кор бо хонандагон, идоракунии раванди ташаккули шахсияти онҳо, фаъолияти касбии психологию педагогии мураббӣ гардида, бешак, омодагии махсусро тақозо менамояд. Яке аз ҷанбаҳои муҳими чунин омодагӣ, ба донишҷӯён-омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ омӯзонидани идоракунии фаъолияти созмондеҳии мактаббачагон, таълим додани асосҳои психологию педагогии ин фаъолият мебошад. Нуктаи муҳими дигар дар диссертатсия ошкор намудан, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва тариқи озмоиш санҷидани самаранокии шароити педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ мебошад.

Дар рафти таҳқиқот унвонҷӯ муайян кардааст, ки дар аксар маврид хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла, омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ бо вуҷуди он ки ҳаҷми муайяни донишҳоро оид ба ташкили фаъолияти созмондеҳии хонандагон аз худ мекунанд, бо вуҷуди ин мутобиқ ба дараҷаи талаботи имрӯза дар ин самт пурра омода

нестанд. Дар ин замина муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки барои рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ чораҳои мушаххаси амалие заруранд, ки ба онҳо имкон диҳанд, то мушкилоти раванди аз худ намудани асосҳои назариявию амалии қобилият ва салоҳиятнокии созмондеҳии онҳоро зудтар бартараф намоянд.

Дар асоси омӯзиши маъхазҳои илмӣ ва ташкили кори таҷрибавӣ-озмоишӣ муаллифи диссертатсия чунин натиҷагирӣ намудааст: «Масъалаи рушди қобилияти созмондеҳии донишҷӯён гуногунҷанба мебошанд. Ин ҷанбаҳо чунинанд: таҳлил ва муназзамгардонии таҷрибаи андӯхтаи кор дар самти барои мо ҷолиб; ошкор намудани механизми ташаккули қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянда; пешгӯии роҳҳои рушди минбаъдаи онҳо» (с. 7).

Маҳз зимни кор бо хонандагон идоракунии раванди ташаккули шахсияти онҳо фаъолияти касбии психологию педагогии мураббӣ гардида, бешак, омодагии махсусро тақозо менамояд. Яке аз ҷанбаҳои муҳими чунин омодагӣ ба донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ин омӯзонидани идоракунии фаъолияти созмондеҳии мактаббачагон дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ва таълим додани асосҳои психологию педагогии ин фаъолият мебошад.

Дар натиҷаи мушоҳидаҳои тӯлонӣ унвонҷу муайян намудааст, ки «Ба аксари омӯзгорон омодагии нокифояи назариявӣ, ба андозаи матлуб инкишоф наёфтани сифатҳои барои касб муҳими шахсият, ташаккули нопурраи маҳорати умумипедагогии созмондеҳӣ, маҳорати кофӣ надоштан дар таҳлили вазъияти педагогӣ аз мавқеи хонанда ва қабули қарор ба фоидаи ӯ, мавқеи ғайрифаъолонаи педагогӣ, мавҷуд набудани эҳтиёҷ ба худтарбиякунӣ, муносибати бемасъулиятона ба меҳнати омӯзгорӣ ва ғайра хос мебошанд» (саҳ. 5 – 6).

Мо ба ин ақидаи унвону пурра мувофиқ ҳастем, зеро дар давраи ҳозира зарурати ҷиддии мутобиқ намудани ин навъи фаъолияти донишҷӯён бо тақозои дастовардҳои муосири иҷтимоӣ ва илмию

техникӣ, бо вазифаҳои таълиму тарбия, ки дар рафти таҷдиди низоми маориф дар шароити азнавсозии ҷомеа ҳал мешаванд, ба миён меояд.

Бо назардошти мубрамияти коркарди илмии доираи масъалаҳои рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтьидоӣ дар раванди таълими фанҳои педагогӣ ва психологӣ ва ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ муҳим ва зарур будани таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷу шубҳаро ба миён намеорад.

Дар таҳқиқот муҳаққиқ бо назардошти зарурати таҳқиқи масъалаҳои рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ, бо мусоидати шароити амаливу методӣ, коркард ва санҷиши технологияи ташаккули ин падида дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зимни таълими фанҳои психологию педагогӣ ва ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ дар доираи мавзӯи асоснок гардидааст.

**Аҳамияти назариявии диссертатсия**

Аҳамияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки мавқеи шахсии муаллиф дар самти ҷустуҷӯи восита ва усулҳои самараноки рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ муайян карда шудааст; мавқеи омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ аз нигоҳи касбият ҷиҳати татбиқи самараноки рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба низом дароварда шудааст; бо роҳи гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз технологияи педагогӣ зимни таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ бо роҳи ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ҳаллу фасл карда шудааст.

Дар диссертатсия моҳият ва унсурҳои сохтории мафҳуми қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ муайян гардида, технологияи ташаккули қобилияти созмондеҳии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ тавассути фанҳои педагогика ва психология коркарду пешниҳод гардидааст. Инунин бо мақсади санҷидани

технологияи коркардшуда кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ва таҳлили натиҷаҳои он анҷом ёфтаанд, яъне тариқи корбурди стратегияи махсуси педагогӣ дар ҳалли масъалаи рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои педагогии муосир саҳм гузошта шудааст.

Унвонҷу дар натиҷаи анҷом додани таҳқиқоти худ ба он муваффақ гардидааст, ки навгониҳои илмии аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ муҳимро ба даст орад, ки онро метавон ҳамчун баёнгари арзиши илмӣ ва эътимоднокии кори таҳқиқотӣ унвон намуд.

Дар ҷараёни таҳқиқот муҳаққиқ дар масъалаи рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ба чунин натиҷа расидааст, ки гузаронидани суҳбатҳои озмоишӣ дар мавзӯи худтарбиякунӣ дар синфҳои гуногун ба мақсад мувофиқ мебошад. Воситаҳои ниҳоии худтанзимкунӣ ва худтарбиякунӣ, ба андешаи муаллиф, худёдраскунӣ ва худдастурдиҳӣ мебошанд, ки зери он фикран тартиб додани дастур барои худ оид ба чӣ тарз рафтор кардан, чӣ тавр амал намудан дар вазъияти дар пеш истода фаҳмида мешавад.

Қобили зикр аст, ки дар таҳқиқот як силсила масъалаҳои баҳсбарангези илмӣ, аз қабили ташкили фаъолияти донишҷӯён оид ба рушди қобилиятҳои созмондеҳӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ, тағйирёбии рушди қобилияти созмондеҳии донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ мавриди баррасии илмӣ қарор дода шудааст. Зикри камбудиву нуқсонҳои омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар равандии таҷрибаомӯзӣ ва мулоҳизаву муҳокимаи онҳо низ аз масоли муҳими дар таҳқиқот маҳсуб дониста мешавад.

Илова бар ин, муҳақиқ зикр менамояд, ки зимни ташаккули фаъолияти созмондеҳии донишҷӯён кори омӯзгорон ва роҳбарони таҷрибаомӯзон танҳо дар доираи таълими фанҳои таълимӣ ва роҳбарии таҷрибаомӯзӣ нокифоя буда, маҳдудияти вақт ва пурбории барномаҳои таълимӣ аксаран ба омӯзгорони донишгоҳ имкон намедиҳад, ки корро

дар ин самт муназзам ва ҳадафмандона ба роҳ монанд.

Дар ҷамъбаст кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар се марҳила гузаронида шуда, самаранокии амсилаи рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оияндаи синфҳои ибтидоӣ тариқи оморӣ собит гардидааст, ки ин ба унвонҷӯй имкон додааст, то дар хусуси натиҷабахш будани татбиқи технологияи пешниҳодшуда барои ташаккули қобилияти созмондеҳии донишҷӯ- мӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ хулосаи илмӣ барорад.

Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки тариқи он дидгоҳу матлабҳои қисми назариявии диссертатсия дар амалия санҷидаву баҳогузорӣ шудаанд ва назорату таҳлили тағйирёбии ташаккули сатҳи қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир зимни таълими фанҳои педагогикаю психология ва дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ исбот гардидааст, арзиши илмии диссертатсияро меафзояд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти анҷомдодаи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич аз нуқ таи назари методологӣ, назариявӣ ва илмӣ-амалӣ дар ҳалли масъалаҳои рушди қобилияти созмондеҳии касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими педагогикаю психология ва раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Аз шиносоӣ бо диссертатсияи унвонҷу чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки муҳаққиқ ба иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошта муваффақ гардида, ба ҳадафи таҳқиқот ноил гардидааст. Унвонҷӯй фарзияи илмиро тасдиқ намуда, ба хулосаҳои илмие расидааст, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, хусусияти навоварона доранд. Аз ҷумла, дар асоси натиҷаҳои ба дастомада муҳити томи таълимию маърифатии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ барои рушди қобилияти созмондеҳии онҳо бунёд ва самарабахш истифода карда шудаст.

Моҳият, сохтор ва мавқеи қобилияти созмондеҳӣ дар фаъолияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ муайян ва асоснок карда шуда, зарурати ташаккули қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи

синфҳои ибтидоӣ дар раванди ташкили фаъолияти амалии донишҷӯён аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст. Маводи назариявӣ доир ба истифодаи имкониятҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ дар ташаккули қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ таҳия ва татбиқ карда шудааст.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот овардашуда метавонанд дар раванди такмили омодагии кадрҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, дар низоми баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон дар донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои омӯзгорӣ мавриди истифода ва баҳрабардорӣ қарор гиранд. Хулосаи диссертатсия низ хеле муфассал омода карда шуда, масоили меҳварии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро фаро гирифтааст.

Бо итминони комил иброз намудан мумкин аст, ки тибқи хулосаҳои муаллифи таҳқиқот таҳқиқи назарраси рушди самараноки қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоиро дар оянда тарҳрезӣ намудан мумкин аст. Таҳқиқоти мазкур аҳамияти махсуси ояндадор ва амалиро дар шароити азнавсозии низоми таҳсилот касб менамояд, ки аз омӯзгорон бознигарии воситаҳои маъмули фаъолият, тарзи тафаккури педагогӣ, инкишофи тасаввуроти назариявиро дар бораи қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ тақозо намуда, маводи фаровонро дар бар мегирад, ки ин метавонад дар таҳқиқи минбаъдаи роҳҳои фаъолияти эҷодиву инноватсионии педагогӣ истифода шавад.

Натиҷаҳои асосии рисола дар корҳои чопии муаллиф дарҷ ёфтаанд. Аз ҷониби унвонҷӯ 2 монография, 2 дастури таълимӣ ва дар маҷмуаҳою маҷаллаҳои илмӣ 17 мақола чоп карда шудааст, ки шаш адади он дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва яктои он дар маҷаллаи аз ҷониби КОА-и Ҷумҳурии Қирғизистон интишор ёфтаанд. Маводҳои дарҷгардида мазмуну муҳтавои диссертатсияро дар бар мегиранд.

Бо вуҷуди ин, диссертатсия аз баъзе камбудиҳо орӣ нест, аз ҷумла:

1. Бархе аз матолиб дар рисола ба такмилу коркард ниёз доранд. Аз ҷумла, ба назари мо, қисмати охири муқаддимаи диссертатсия аз лиҳози гузориш ва дастгоҳи илмӣ такмилро мехоҳад.

2. Баъзе андешаҳои муаллиф тавзеҳ ва тасҳеҳро мехоҳанд. Масалан дар боби ду, зербанди 2, саҳифаҳои 98, 102.

3. Унвонҷу ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ кам таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Хуб мешуд, ки дар диссертатсия таҳқиқотҳои анҷомдодаи олимони ватанӣ бо таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ муқоиса карда мешуд.

Камбудиҳои овардашуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Хулосаи умумӣ ин аст, ки муаллиф дар арзёбии мавзӯъ пурра муваффақ гардидааст. Таҳлилҳои густурдаи назариявӣ ва имконоти таҳлили муфассали рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ имкон додааст, ки унвонҷу дастоварди муҳимеро дар илми педагогикаи ба миён орад. Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки унвонҷу дар иҷрои вазифаҳои таҳқиқот муваффақ гардидааст. Натиҷаву хулосаҳои таҳқиқот бо далелҳо исбот ёфта, сохтори он бо мантиқи ифодаи фикрҳо созгор буда, диссертатсия дар маҷмӯъ бо риояи услуби илмӣ таълиф шудааст. Хулосаву тавсияҳои унвонҷу асоснок буда, барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаи рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир маводи муфиду муҳимро фароҳам меорад.

Автореферат ва интишороти унвонҷӯ дар доираи таҳқиқот матлабҳои асосӣ, марҳалаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос кардаанд.

Кори диссертатсионии «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
мудири шуъбаи педагогика ва
таҳсилоти муосири Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Гулмадов Файз

Маълумот барои тамос: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 126; Тел: +992919636734; E-mail:gulmadov53@mail.ru
23.08.2022

*Имзои Ф. Гулмадовро тасдиқ мекунам*
*Сардори ШК Академияи*
*таҳсилотиТоҷикистон* *М. Саидова*

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ